**Тақризи**

**муқарризи расмии дуюм ба диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдурасулович дар мавзуи “Роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502) – Забони тоҷикӣ. –Душанбе, 2023. –182 с.**

Таркиби луғавии забон ва инкишофёбии он бо калимасозӣ алоқамандии зич дорад. Рушди ҷомеа ва пешравии соҳаҳои он сабаб мешавад, ки забон калимаҳои нав ба навро ба кор барад, ки ин калимаҳо, албатта бо роҳу усулҳои гуногун сохта шуда, дар ин замина вандҳо, решаҳо ва асосҳои гуногун барои калимасозӣ заминаи мусоидро фароҳам меоранд.

Бояд зикр намуд, ки калимасозӣ ва роҳҳои ба миён омадани вожаҳои нави забони тоҷикӣ то ин дам таҳқиқу баррасӣ шудаанд, вале ин масъала дар доираи осори Абдулҳамид Самад аз ҷониби муҳаққиқе мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Аз ин лиҳоз, Валиев Ҷамшед бо дарназардошти он ки таҳқиқи забоншиносии осори ин ё он адиби варзида метавонад дар муайян намудани манзараи инкишофи забон дар марҳилаи муайяни таърихӣ нақше дошта бошад, масъалаи калимасозии исм ва роҳҳои он дар насри бадеии Абдулҳамид Самадро таҳқиқ намудааст ва таҳқиқи баанҷомрасондаи ӯ дорои аҳаммияти баланди илмист.

Вобаста ба масъалаи таҳқиқи исм ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ ва роҳҳои калимасозии он аз ҷониби забоншиносони ватанию хориҷӣ корҳои зиёде ба сомон расонда шудаанд. Аз ин лиҳоз, муҳаққиқ дар диссертатсия муаллифони бешумореро номбар намудааст. Бо вуҷуди ин, масъалаҳое, ки худи ӯ дар раванди таҳқиқ баррасӣ намудааст ва паҳлуҳои калимасозии исмро дар осори нависандаи маъруфи тоҷик Абдулҳамид Самад ба таври ҷиддӣ ва мукаммал рӯйи қоғаз овардааст, муҳиммияти таҳқиқотро ташкил медиҳад.

Муҳаққиқ вазифаҳои мушаххасро дар пеш гузоштааст, ки дар бандҳои алоҳида оварда шудаанд. Зимни таҳқиқ доира ва дараҷаи истифодаи

пешванд, пасвандҳо, роҳҳои калимасозии лексикӣ-семантикӣ, морфологӣ-синтаксисӣ ва синтаксисию морфологӣ дар осори Абдулҳамид Самад ва маҳорати забондонии нависанда дар истифодаи ин гурӯҳи калимаҳо ба риштаи таҳлилу баррасӣ кашида шудаанд.

Дар диссертатсияи мавриди назар ҳафт нуктаи асосии илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда муваффақона ҳаллу фасл шудааст.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зуҳур меёбад, ки андешаҳои назариявии зимни пажуҳиш ҳосилшуда метавонанд дар таҳқиқи хусусиятҳои грамматикию услубии асарҳои мансури дигар адибон мавриди истифода қарор гиранд. Аҳаммияти амалии таҳқиқ аз он иборат аст, ки натиҷаи бадастовардаи муҳаққиқро дар раванди таълими дарсҳои назариявию амалии қисматҳои алоҳидаи забоншиносӣ метавон истифода намуд. Диссертатсия дар заминаи усулҳои синхронию диахронӣ, таҳлилию муқоисавӣ, таҷзияву таҳлил ва усули нишон додани ҳолати оморӣ сурат гирифтааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ки ҳар боб фарогири фаслҳои алоҳида мебошанд, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи таҳқиқшаванда иборат мебошад, ки ҳаҷми умумии он 182 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Дар муқаддимаи диссертатсия роҷеъ ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо, мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқ, предмети таҳқиқ, асосҳои назариявии таҳқиқ, асосҳои методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, асосҳои назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия **“Таҳқиқи масоили назариявии калимасозӣ ба инъикоси роҳи морфологии калимасозӣ дар осори Абдулҳамид Самад”**

(с. 15-98) номгузорӣ шуда, он аз ду фасл иборат аст ва фасли дуюм ба зерфаслҳо ҷудо карда шудааст. Дар боби мазкур масоили назариявии калимасозӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, диссертант роҳи калимасозии морфологиро дар заминаи осори Абдулҳамид Самад таҳқиқ намудааст. Дар ин қисмати кор андешаронии муҳаққиқ перомуни калимасозии исм, ки тавассути пешвандҳо ва пасвандҳои исмсоз сурат мегирад, баён гардида, мисолҳо аз осори нависанда оварда шудаанд. Дар рафти таҳлилу баррасӣ дар баробари таҳқиқоти муҳаққиқони муосир, инчунин аз сарчашмаҳои илмие, ки дар боби калимасозӣ ҳанӯз аз даврони пешазинқилобӣ баҳс намудаанд, ёдовар шудани Валиев Ҷ. ба мушоҳида расид. Зимни таҳлили калимасозии пешвандии исм дар осори Абдулҳамид Самад муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки мавқеи пешванди **исмсоз**ро нишон дода, вазъи корбасти онро барои муқоиса дар “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ, "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ, “Маҷмаъ-ут-таворих” ва насри бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев низ дида баромадааст.

Боби дуюми диссертатсия **“Роҳҳои калимасозии лексикӣ-семантикӣ ва морфологӣ-синтаксисӣ дар осори Абдулҳамид Самад”** (с. 99-126) унвон гирифта, дар доираи се фасл ва зерфаслҳо навишта шудааст. Дар боби дуюм се фасл мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки фасли аввал матолиби муқаддамотиро дар бар мегирад ва дар фасли мазкур роҳи лексикӣ-семантикии калимасозӣ таҳлилу таҳқиқ шудааст, ки он дар навбати худ ба се зерфасл ҷудо шудааст.

Муҳаққиқ дар фасли сеюми боб масъалаи роҳи морфологӣ-синтаксисии калимасозии исмро дар заминаи осори нависанда дида баромадааст ва вобаста ба он мисолҳоро мавриди корбарӣ қарор додааст. Дар ин қисмат масъалаи конверсия, аз ҷумла исмшавии калимаҳо, инчунин исмшавии сифат, шумора ва феълҳои ғайритасрифӣ диққати муҳаққиқро ба худ ҷалб намудаанд. Таҳлилу баррасиҳо бо истифода аз вожаҳои исмшудаи осори Абдулҳамид Самад сурат гирифтаанд. Мисолҳои фаровони ин боб аз он дарак медиҳанд, ки дар осори адиб бештар сифатҳо бо роҳи субстантиватсия

ба исм гузаштаанд. Дар интиҳои боб диссертант андешаҳои худро дар 5 банд ҷамъбаст намудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия (с. 127-154), ки **“Роҳи синтаксисӣ-морфологии калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад”** ном дорад, бештар таваҷҷуҳи диссертант ба калимаҳои мураккаби пайваст, тобеъ ва омехтаи мансуб ба исми осори адиб равона карда шудааст. Дар рафти таҳқиқ боби мазкурро муҳаққиқ ба 6 фасли алоҳида ҷудо намудааст. Дар фаслҳои алоҳида калимаҳои мураккаби исмӣ, аз қабили исмҳои мураккаби пайваст, мураккаби тобеъ, мураккаби сеҷузъа, мураккаби пасванддор ва мураккаби омехта таҳлил шудаанд ва ба ҳар як навъи исмҳои мураккаб шумораи назарраси мисолҳоро овардааст.

Дар интиҳо муҳаққиқ натиҷаҳои бадастовардаи худро ҷамъбаст намуда, хулосаи диссертатсияи илмиро (с. 155-158) дар 12 банд ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқро дар 10 банд овардааст.

Рӯйхати адабиёт (с. 161-178) дар диссертатсия ба қисматҳо ҷудо шудааст, ки қисмати 1-ум -Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ; қисмати 2-юм - Диссертатсия ва автрефератҳо; қисмати 3-юм- Мақола ва маърузаҳо; қисмати 4-ум- Манбаъҳо, қисмати 5-ум- Феҳристи фарҳангҳо ном доранд.

Муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия 25 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 11мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расондааст. Ҳамзамон, диссертант нукоти асосии мавзуи таҳқиқро дар конференсия ва семинарҳои гуногуни илмию амалии донишгоҳию ҷумҳуриявӣ дар шакли маъруза пешниҳод намудааст. Дар интишороти муҳаққиқ натиҷаҳои асосӣ, хулосаи таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои чопшудаи Валиев Ҷамшед Абдурасулович мухтавои диссертатсияро инъикос намуда, аз салоҳият ва лаёқати илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Бо вуҷуди дастовардҳои назаррас диссертант дар таҳияи диссертатсия ба нуқсону норасоиҳо роҳ додааст, ки ба андешаи мо бартараф намудани он аз манфиат холӣ нахоҳад буд:

1. Дар оғози фасли дуюми боби якум " Роҳи морфологии калимасозии исм" ва фасли якуми боби се "Роҳи синтаксисӣ-морфологии калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад" ҷиҳати назариявӣ ба назар намерасад ва умуман баёни андешаи муҳаққиқ номукаммал аст. Зимни таҳлили пешванди **ҳам-** пешвандҳои азбайнрафтаи забони тоҷикӣ ёдовар шудаанд. Хуб мешуд, агар диссертант ин масъаларо дар зерфасли якуми фасли ду, ки "Калимасозии пешвандии исм" унвон гирифтааст, баррасӣ менамуд.

2. Дар саҳифаи 20 оид ба категорияи муайянӣ ва номуайянии исм сухан рафтааст, ки ба мавзуъ рабте надошта, пайдарҳамии мантиқӣ дида намешавад.

3. Дар мавриди овардани як қатор мисолҳои исм номувофиқатии андешаи муҳаққиқ бо калимаҳои таҳлилшаванда мушоҳида мешаванд: пасвандҳои – **акӣ**, **-а,-она, -вар**ро ҳамчун ифодакунандаи исми шахс таҳлил менамояд, аммо мисолҳои оварда ба дигар ҳиссаҳои нутқ мансубанд, аз ҷумла зарф - "пуштораву **харакӣ** бо коҳу алаф бармегарданд" (саҳ.27); сифат –дандонҳои **реза** ва феъли таркибӣ -"**реза** кардан"(саҳ. 50), феъли ҳол - **дида** (саҳ. 53), сифати феълӣ **-нигоранда** (саҳ. 54), сифат –бадхоҳони ҷаррору **кинавар** (39), "хони **идона**", "ангуштарии **тӯёна**" (саҳ. 61); пасванди **–дон** ном гирифта мешавад, вале мисоли он бо калимаи мураккаб, ки дар таркибаш асоси замони ҳозираи феъл дорад, оварда шудааст - **ҳисобдон, кордон, ҳолдон** (саҳ. 69), пасванди **–гоҳ** мавриди таҳлил қарор гирифтааст, ки муаллиф калимаҳои мураккаб бо вожаи **гоҳ** чун калимаи сохта овардааст: **чоштгоҳ, саҳаргоҳ, шабонгоҳ, шомгоҳ** (саҳ.66), аз калимаҳои сода ва пасванди –гӣ сохта шудани калимаҳо қайд мегардад, вале мисолҳои мавриди таҳлил сохтаанд- **нависандагӣ ва ронандагӣ**; калимаҳои **бузғолабон, молбон, ҷангалбон**ро чун исми ифодакунандаи шахс меорад, вале дар ҷумлаҳо исмҳои маънии **бузғолабонӣ, молбонӣ ва ҷангалбонӣ чун мисол**

**оварда шудаанд** (саҳ.41-42), ё ин ки пасванди **-ор, -во,- -а-** ро таҳлил намуда, ба ҷои калимаҳои исмӣ феълҳои таркибии номии **парасторӣ кардан, лаб ба гуфтор кушодан, падидор сохтан** (саҳ.45), **нимво шудан** (саҳ.45), **забона задан, овоза кардан, тираву тор сохтан** (саҳ 45)-ро ҳамчун мисол овардани муҳаққиқ мушоҳида шуд, ки ягон шарҳе дода нашудааст.

4. Дар диссертатсия қайд шудааст, ки "Аз исмҳои моддӣ ва маънӣ исми шахс сохта мешавад", аммо мисол танҳо бо исми маънии "**хизматчӣ**" омадааст (саҳ. 30), ё ин ки қайд шудааст, ки аз исмҳои моддӣ бо пасванди **-гар** исми шахс сохта мешавад, лекин мисолҳо бо исми маънӣ оварда шудаанд: **ҳила, савдо, ҳимоя** (саҳ. 31); муҳаққиқ пасванди **–варро** ҳамчун ифодакунандаи номи ҳайвон шарҳ медиҳад, вале вожаи **ҷонвар** номи ҳайвон набуда, мавҷудоти зиндаро ифода мекунад.

5. Дар қисматҳои 2.3.3. "Исмшавии сифат" (с.118 то 122) ва 2.3.5."Исмшавии феълҳои ғайритасрифӣ" (с. 123 то 126) истифодаи иқтибосҳо кам ба назар мерасад.

6. Дар диссертатсия муаллиф оид ба пасвандҳо баёни андеша намуда (с. 88), пасвандҳоро номбар менамояд: -гин, -манд, -сор, -вар, -о, -сор. Сабаб чӣ бошад, ки мисолҳо баръакс бо пешвандҳои сифатсоз, аз қабили, **номаъқулӣ, номуайянӣ, беназирӣ, бепарвоӣ, ноозмудӣ, бетоқатӣ, бевақтӣ, беақлӣ, нохушӣ, норозигӣ, бекорӣ, нофаҳмӣ, бехобӣ, нодонӣ, бефарзандӣ, бехобӣ** оварда шудаанд.

Норасоиҳое, ки номбар шуданд, ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ аҳаммияти таҳқиқи анҷомдодаро халалдор намесозанд. Диссертатсия таҳқиқи мукаммали ба анҷомрасида буда, барои дар як давраи муайян нишон додани вазъи калимасозии исмҳои забони тоҷикӣ дар пояи осори насрии Абдулҳамид Самад нақши муассир мегузорад.

Диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдурасулович ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми июни соли 2021,таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ

буда, масъалаҳоеро фаро мегирад, ки дар забоншиносии тоҷик, ба хусус дар қисмати морфология дорои аҳаммияти бузурги назариявию амалӣ мебошад.

Дар маҷмуъ диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдурасулович дар мавзуи “Роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад” кори илмӣ-таҳқиқотии баанҷомрасида ба ҳисоб рафта, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) –доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) мебошад.

**Муқарризи расмии дуюм:**
**номзади илмҳои филологӣ,**
**дотсент, мудири кафедраи**
**забони тоҷикии Донишгоҳи**
**байналмилалии забонҳои**
**хориҷии Тоҷикистон ба**
**номи Сотим Улуғзода** **Усмонова Мунаввара Холиқовна**

**“16” майи соли 2023**

**Нишонӣ:**

**Нишонӣ: 734019, ш.Душанбе,**
**кӯчаи Муҳаммадиев 17/6**
**Тел.: +992 918 68 83 85**
**Факс: +992372325000**
**Сомона: www.ddzt.tj.**
**Email: munavvarakhalikovna@mail.ru**

**Имзои Мунаввара Холиқовна Усмоноваро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДБЗХТ**
**ба номи Сотим Улуғзода** **Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна**
**17.05.2023 с.**